# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

Ҳокимияти судӣ мутобиқи муқаррароти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ягона механизми баамалбарорандаи адолати судӣ дар мамлакат ба шумор рафта, дар як маврид шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатиро ташкил менамояд. Яъне, аз ҳолати мазкури мавқеъгирии низоми судии ҷумҳурӣ маълум мегардад, ки нақши он дар таъмин, риоя ва татбиқи боадолатонаи нишондодҳои қонунгузорӣ нисбат ба ҳуқуқҳои инсон басо назаррас мебошад. Бо ин назардошт барои дақиқ ва аз нуктаи назари доктриналӣ, қонунгузорӣ ва барномавӣ мавриди таҳқиқ қарор додани масоили фарогиршудаи мавзуи мазкур барои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мубрам арзёбӣ карда мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои асоси таҳқиқотро дар доираи маъхазҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки ҳолати мазкур ба мукаммалӣ, низомнокӣ, ботартибӣ ва хусусияти илмӣ доштани таҳқиқот оварда расонидааст. Зеро, аксарияти таҳқиқотҳое, ки хислати хоси таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ доранд, заҳмати зиёдро талаб намуда, натиҷаи бештари илмӣ ва хулосаҳои зиёди пурмаҳсулро ба амал меоваранд. Чунин тарзи таҳқиқ имконияти бештарро барои дақиқсозии ҳолати гузашта, вазъи амалкунанда ва ояндаи самт ва падидаи матраҳшаванда фароҳам меоварад.

Аз таҳлили ҳамаҷониба ва матраҳшавандаи масъалаҳои дар автореферат дарҷгардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот низомнок ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия кулли талаботи амалкунандаро фарогир буда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии барои ояндаи рушди самти мазкур лозимаро пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои бадастомадаро метавон дар назария ва амалия ба сифати ғояи мукаммали илмӣ мавриди истифода қарор дод.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, метавон хулоса намуд, ки муаллифи диссертатсия дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ истифода намуд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Зокирзода Н.И. нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар маъхазҳои илмӣ, таърихӣ ва дигар намуди сарчашмаи расмӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳсноканд, аз қабили:

1. Дар таҳқиқот масъалаи тасвиби амалии натиҷаҳои бадастомада метавонист муфассалтар баррасӣ гардад. Бо вуҷуди асоснокии назариявии таҳқиқот, густариши заминаи эмпирикӣ, аз ҷумла дар асоси маълумоти фаъолияти судҳои иқтисодӣ, метавонист эътимоднокии хулосаҳоро боз ҳам баланд бардорад.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки ҳолати мазкур диссертантро водор месозад, ки минбаъд ба ин ҷабҳаи масъала диққати ҷудогона диҳад.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши асосиро намонда, танҳо хусусияти тавсиявиро доро мебошанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи “Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа

(PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи муқаррарнамуда ва амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ч/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj

«18» 05 соли 2026